# Тақризи

**муқарризи расмӣ Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович ба кори диссертатсионии Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01.- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз коркунони комплекси агросаноатии Тоҷикистон талаб мекунад, ки ҷорӣ шудани муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ, истифодаи шаклҳои гуногуни замин ва захираҳои заминҳои корам дар ҷумҳурӣ самаранок истифода бурда шаванд. Шароити кунунӣ тақозо мекунад, ки дар истеҳсолот системаҳои нави илман асосноки парвариши зироатҳо ҷорӣ карда шаванд.

Ҳалли масъалаи тараққиёти соҳаи чорводорӣ ва истеҳсоли мунтазами гӯшт, шир ва дигар маҳсулотҳои ин соҳа истифодаи самараноки ҳамаи захираҳои истеҳсоли ғалла ва хӯрокаро талаб мекунад. Ҳаматарафа истифода бурдани давраи нашвӣ, ки 224-236 рӯз ва ҳатто дар баъзе минтақаҳо то 290 рӯз бо ҳарорати фаъоли 4200 – 5500 $^0$C (аз 10$^0$C зиёд) дар ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ давом мекунад, усули зиёд кардани истеҳсоли хӯроки ширадор ва ғалла дар заминҳои корами обӣ мебошад. Ҳангоми кишти такрории тобистонаи ҷуворимакка сабзишу инкишофи растанӣ ба рӯзҳои кӯтоҳи офтобӣ рост меояд, ки ин ба гузариши тези давраҳои аввали инкишофи он мусоидат мекунад.

Таҳқиқотҳои илмии Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси зироаткории умумӣ, растанипарварӣ маҳз ба масъалаҳои дарҷгардида бахшида шудааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми 143 саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 4 боб, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои таҳқиқот, самараи иқтисодӣ, хулосаю пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 25 ҷадвал ва 8 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 153 номгӯй, аз он ҷумла 13 адабиёти хориҷиро дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳимияти мавзуи таҳқиқотӣ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар зерҷузҳо муфассал баён гардидаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур** дар он аст, ки дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон хусусиятҳои сабзишу инкишоф ва

маҳсулнокии навъҳои нави ҷуворимакка вобаста аз зичии ниҳолҳо дар киштҳои ангорӣ пас аз гандуми тирамоҳӣ омухта шудааст.

**Боби 1** аз 2 зербоб иборат буда, дар зербоби аввал аҳамияти зироатҳои ангорӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии заминҳои корами обёришаванда тавассути самаранок истифодабарии захираҳои хокию биоиқлимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар зербоби дуюм оид ба маҳсулнокии ҷуворимакка дар кишти ангорӣ вобаста ба навъу дурагаҳо ва зичии ниҳолҳо баррасӣ гардидааст.

Дар ин боб инчунин натиҷаи таҳқиқотҳои илмии олимони мамолики гуногунро дар бораи зироати ҷуворимаккаи ангорӣ ва самаранок истифодабарии заминҳои обӣ бо гирифтани ду ҳосили дон аз 1 га дар як сол дарҷ намудааст. Ин боб дар хаҷми 25 саҳифа навишта шуда, барои иҷрои таҷрибаҳои амалӣ оид ба парвариши ҷуворимаккаи ангорӣ асоси заминавиро дорад.

**Боби 2**-юми рисолаи мазкур низ аз 2 зербоб иборат буда, шароити хокию иқлимӣ ва методикаи таҳқиқотро дарбар мегирад. Дар зербобҳо оид ба шароити хокию иқлимии ноҳияи Фархор, таснифи агроиқлимии макони таҷриба, методикаи гузаронидани таҳқиқот, чорабиниҳои асосии агротехникаи парвариши ҷуворимаккаи ангорӣ бо овардани 4 ҷадвал ва ду диаграмма ҷой дода шудааст.

Унвонҷӯй дар таҷриба 4 навъи ҷуворимакка «Аскар», «Зоҳир», «Шухрат» ва «Дилшод»-ро бо зичии 40, 50, 60, ва 70 ҳазор растанӣ дар 1 гектар омухта, дар ҳаҷми 11 саҳифа шароити хоку иқлим ва методикаи таҳқиқотро баён намудааст.

Дар **боби 3** –юм **«Натиҷаи таҳқиқот»** аз 6 зербоб таркиб ёфта, бо 19 ҷадвал ва 6 диаграмма мураттаб сохта шудааст. Дар зербобҳо хусусиятҳои парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо, хусусияти сабзиш ва инкишофи ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо, ғуншавии массаи тар ва хушки ҳавои биологии болоизаминии ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо, таъсири зичии ниҳолҳои навъҳои гуногуни ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба нишондодҳои биометрӣ, таркиби ҳосили баргу пояи сабз ва маҳсулнокии он, ҳосил ва тағйирёбии унсурҳои таркиби сутаҳо вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ, баромади дон аз ду ҳосил ва аҳамияти агротехникии тавъами гандуми тирамоҳӣ бо ҷуворимаккаи ангорӣ дар низоми рӯёнидани ду ҳосили дон дар як сол маълумотҳои саҳеҳ ва муфассал баён карда шудааст.

Дар ҷадвал ва диаграммаҳо оид ба мушоҳидаҳои фенологӣ, қадкашии хаттии пояҳо, ҷараёни афзоиши массаи сабз ва хушк,

нишондодҳои биометрии ниҳолҳо, ҳосилнокӣ ва қимати хӯрокии массаи сабз, таркиби сута, тағирёбии массаи сута ва унсурҳои таркибии он, ҳосилнокии дон ва массаи сабзи ҷуворимакка вобаста ба навъ ва зичии ниҳолҳо дарҷ гардидаанд.

Натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян намуданд, ки нишондоди баландтарини ҳосили дон, воҳиди хӯрокаҳо, протеини ҳазмшаванда ва воҳиди хӯрокию протеинӣ аз варианти 50 ҳаз.раст./га навъҳои асосии Аскар (7.1т/га дон ), Зоҳир (6.7 т/га дон ) , Шуҳрат (5.8т/га дон ) ва аз варианти 60 ҳаз.раст./га дон навъи Дилшод (7.6 т/га дон ) ба даст оварда шудааст.

Муқаррар карда шуд, ки вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳо массаи сабз ва хушки ҷуворимакка дар доираи васеъ тағйир меёбад. Зиёд намудани зичии ниҳолҳо аз 40 то 70 ҳаз.раст./га новобаста ба навъҳо ба он мусоидат менамояд, ки ин нишондодҳо дар давраи инкишофи ширию хамирии дон назаррас кам мешаванд. Нишондоди баландтарини массаи хушк дар навъҳои Аскар, Зоҳир, Шуҳрат дар варианти 50 ҳаз.раст./га (мутаносибан ба навъҳо 134.7,159,0,ва 168 с/га ) ва дар навъи Дилшод дар варианти 60 ҳаз.раст./га (156,9 с/га) ба қайд гирифта шудааст.

Диссертант қайд намудааст, ки киштҳои ангорӣ ба ғайр аз он ки захираи муҳими зиёд намудани истеҳсоли ғалла мебошанд, дар як вақт тавассути боқимондаҳои зироатҳои ангорию маҳсулоти асосию иловагиашон ба манзари агротехникии хок таъсири мусбат мерасонанд. Аз натиҷаи таҳқиқот маълум мешавад, ки пас аз ғунучини гандуми тирамоҳӣ дар хар як гектар 8,2 т пахол, боқимондаҳои решаҳо дар қабати шудгор 1,3 т/га, дар ҷамъ 9,5 т/га боқӣ мондааст. Дар ҷамъ аз ҳисоби маҳсулоти иловагӣ ва боқимондаҳои ангорию решагии гандуми тирамоҳӣ ва дон бо истифода ҳамчун дони емӣ, баргу пояҳои хушк ва боқимондаҳои ангорию решагии ҷуворимаккаи ангорӣ вобаста ба навъ ва зичии ниҳол дар хок зиёда аз 15,4 т/га (навъи Аскар 70 ҳаз.га то 25,7 т/га навъи Дилшод 60 ҳаз.га) ғун мешавад ва фарқияти ин нишондодҳо 10,3 т/га –ро таъмин намудааст.

Боби 4-уми диссертатсия оид ба баҳои самаранокии иқтисодӣ ва санҷиши истеҳсолии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳои гуногун ва зичии ниҳолҳои онҳо маълумотҳо оварда шудааст. Парвариши ҷуворимакка дар киштзорҳои ангорӣ аз рӯйи нишондодҳои арзиши аслии маҳсулот, даромади соф ва дараҷаи даромаднокӣ аз як воҳиди заминҳои корами обӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Таҳлили маводди самаранокии иқтисодии ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ вобаста ба навъҳо ва зичии ниҳолҳои онҳо нишон медиҳад, ки навъҳои Аскар, Зоҳир бо зичии ниҳолҳо 50 ҳаз.раст./га ва

навъи Дилшод бо зичии 60 ҳаз.раст./га ниҳолҳо шароит фароҳам меоваранд ва аз ҳар як воҳиди масоҳат мутаносибан 3910,5; 3314,6 ва 4655,6 сомонӣ/га даромади соф ба дараҷаи даромаднокии 58,0; 49.2 ва 69,0% рӯёнида шудааст.

Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот нишон додааст, ки самаранокии иқтисодии парвариши ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ пас аз ҷамъоварии ҳосили дони гандуми тирамоҳӣ дар майдони 10,4 га дар хоҷагии деҳқонии «Ҳисор»-и ноҳияи Фархор навъи ҷуворимаккаи Дилшод бо зичии ниҳолҳо 60 ҳаз/га ҳосилнокии 4,8 т/га донро таъмин намудааст.

Тадқиқоти мазкур моҳияти илмию амалӣ дошта, диссертатсия бо забони соддаю истифодаи ибораҳои оммафаҳм навишта шудааст ва ҳар як мутолиакунанда навиштаи онро бо осонӣ мефаҳмад. Бо вуҷуди ин дар диссертатсия камбудию норасогиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар саҳифаҳои алоҳида (ба монанди саҳифаи 40-41 ва ғ.) шояд аз рӯйи хатогиҳои техникӣ бошад, якҷояшавии калимаҳо ба назар мерасад, ки маънои ҷумлаҳоро коста мегардонад.

2. Дар ҷадвали 4, дар пункти 4-уми ҷадвал «Пошидани гербитсидҳо ва зери хок намудани онҳо» дарҷ гардидааст, лекин дар вазифаҳои тадқиқот омӯзиш ё истифодаи гербисидҳо нишон дода нашудааст.

3. Дар ҷадвалҳо «миёнаи сесола» ё «бисёрсола» навишта шудааст, аммо миёнаи кадом солҳо оварда нашудааст.

4. Дар «Методикаи гузаронидани таҳқиқот» маълумот дар бораи истифодаи нуриҳои минералӣ нишон дода нашудааст, бояд меъёр ва мухлати истифодабарии нуриҳои минералӣ дарҷ карда шаванд.

5. Дар диссертатсия навъҳои “Аскар”, “Шухрат” ва “Дилшод” ҳамчун навъҳои нав дарҷ гардидаанд, ҳол он ки ин навъҳо бештар аз 10 сол мешавад, ки дар истеҳсолот ҷорӣ ва истифода шуда истодаанд.

6. Дар ҷадвали 15, 19, 20, 21 ташхиси дисперсионӣ бо дараҷаи эҳтимолии 0.95 коркарди оморӣ гузаронида нашудааст.

7. Дар 8 ҳолат ҷадвал ва диаграммаҳои мазмуни якхела тасвир карда шудааст , ки истифодаи яке аз онҳо кифоят буд.

Камбудию норасогиҳои баёншуда моҳияти илмию амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд. Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмию амалӣ ва иқтисодиро доранд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати дисертатсия ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович дар мавзуи «Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Декани факултети аграрӣ
ва амнияти озуқаворӣ
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси
06.01.09 – растанипарварӣ , дотсент Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович

Тел: 934201005
E – mail: abdunasir.khafizov@mail.ru

Имзои Ҳафизов А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Асадуллоева Д.

«27» 05 20 23